**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗИ

**муқаррризи расмӣ ба диссертатсияи Одинаев Баҳодур Абдуҷаборович дар мавзуи «Институти оила дар зардуштия ва ислом: таҳқиқоти таърихӣ – диншиносӣ» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020600 – Диншиносӣ (6D020601 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ).**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Одинаев Баҳодур Абдуҷаборович дар мавзуи «Институти оила дар зардуштия ва ислом: таҳқиқоти таърихӣ – диншиносӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос пешниҳод шудааст, ба шиносномаи ихтисоси 6D020600 – Диншиносӣ (6D020601 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ) мутобиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии Одинаев Б.А. ба яке аз масъалаҳои мубрами илми диншиносӣ – институти оила дар зардуштия ва ислом бахшида шудааст, ки дар он бештар паҳлуҳои назариявӣ ва қисман амалии масъалаи мазкур мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Бояд қайд намуд, ки камолоти иҷтимоии инсон маҳз дар оила сурат мегирад, зеро дар ин ниҳод доираи васеи амалӣ-иҷтимоии ҳаёту фаъолияти инсон ташаккул меёбад. Дар ин сурат солимии муносибатҳои оилавӣ барои ташаккули мусбии фаъолияти инсон нақши назаррас дорад. Чунки носолимии муносибатҳои оилавӣ дар рафтор, инкишоф ва тарзи ҳаёти инсон мушкилоти зиёдеро аз қабили вайроншавии арзишӣ ва эҷоди монеа ба

муваффақияти иҷтимоишавӣ ба бор меоварад. Аз ин рӯ, мавзӯи диссертатсия метавонад дар таҳкими муносибатҳои оилавӣ дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ таъсири мусбӣ расонад, ки ин мубрамият ва зарурияти онро нишон медиҳад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Таҳқиқоти диссертатсионии Б.А. Одинаев дар муҳити илми фалсафӣ-диншиносии ватанӣ аз зумраи нахустин таҳқиқоти диссертатсионӣ мебошад, ки дар он паҳлуҳои назариявӣ ва амалии институти оила дар зардуштия ва ислом мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо мушкилоти муосири марбут ба ниҳоди оила, махсусан, дар замони муосир маҳдуд нашуда, балки бо заминаҳои таърихӣ-диншиносии пайдоиш ва ташаккули институти оила аз нигоҳи таълимоти зардуштия ва ислом оғоз гардида, бо пешниҳод намудани роҳҳои ҳалли баъзе аз мушкилоти ҳифзи таҳкими оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фарҷом расидааст. Диссертант вазифаҳои гузоштаи худро дар самти таҳқиқоти диссертатсионии мазкур тавассути нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳоднамудааш инъикос намуда, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои худ аз сарчашмаҳои илмии халқи тоҷик ва андешаву назари олимони ватанию хориҷӣ истифода намудааст, ки онҳо дар маҷмуъ навгонии таҳқиқоти диссертатсиониро таъмин намудаанд. Нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд ҷанбаҳои таърихӣ-диншиносӣ, назариявӣ ва амалии институти оиларо дар зардуштия ва ислом ифода менамоянд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Бояд тазаккур дод, ки эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ оид ба пахдуҳои мухталифи институти оила дар зардуштия ва ислом, таҳлили натиҷаҳо ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, андешаҳо ва тавсияҳои назариявию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳлили муқоисавии

институти оила дар зардуштия ва ислом, таҳқиқи ҳолати кунунӣ, дурнамо ва роҳҳои таҳкими институти оила дар замони ҷаҳонишавӣ асос меёбад.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Таҳқиқоти диссертатсионии Одинаев Б.А. аҳаммияти илмӣ ва амалӣ дорад. Зеро хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада метавонанд барои ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ дар самти пойдории институти оила истифода карда шаванд. Маврид ба зикр аст, ки истифодаи маводи диссертатсия дар тахдилу хулосабарории мавзуъҳои назариявӣ, таърихӣ-фалсафӣ ва илмӣ-диншиносӣ маълумотҳо ва маводҳои нави илмиро пешниҳод менамояд. Хулоса ва пешниҳодҳои дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба институти оила, роҳҳо ва механизмҳои ҳифз намудани он бадастомада мумкин аст дар ҳалли як қатор мушкилоти дар илмҳои диншиносӣ, сотсиология, фарҳангшиносӣ, этика ва умуман илми фалсафа мавҷудбуда, истифода гарданд. Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки дар фаъолияти масъулиятнокӣ ҷиҳати солимнигохдории муносибатҳои оилавӣ метавон хулосаву пешниҳодҳои таҳқиқотро вобаста ба масъалаи институти оила истифода бурд. Ҳамзамон, муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар омода намудани адабиёти таълимӣ ва таълимӣ-методӣ, инчунин ҷараёни таълими фанҳои фалсафа, диншиносӣ, этика, сотсиология, маърифати оиладорӣ ва ғайра истифода бурда шаванд. Ҳамчунин, аҳамияти иҷтимоии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф баъзе масъалаҳои марбут ба институти оила дар зардуштияро ба ҳолатҳои мавҷудбуда дар ҷомеа ҳамоҳангӣ намуда, моҳияти онҳоро тақвият додааст. Масалан, муаллиф қайд намудааст: “Тибқи муқаррароти оини зардуштия зан дар баробари фаъолияти хонаводагӣ ба тарбияи панҷсолаи фарзанд масъул ҳаст. Ин маънои онро надорад, ки ӯ баъди ба таълиму тарбияи

фаннӣ роҳ ёфтани кӯдак аз тарбияи он озод мешавад, балки бар тарбияи ҳатмии кӯдак таълиму тарбияи касбӣ илова мешавад. Ин масъулиятро мо метавонем сарчашмаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» баҳо диҳем (саҳ. 38-39)”.

Тавсияҳои пешниҳоднамудаи диссертантро ҷиҳати истифодаи амалии онҳо метавон чунин нишон дод:

**Якум.** Дар нахустин тавсия худ диссертант пешниҳод намудааст, ки дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон шарту талаботҳои махсус оид ба қатъ кардани никоҳ ҷиҳати коҳиш додани сатҳи парокандашавии оилаҳо илова карда шавад. Масалан, ҳангоми қатъ кардани никоҳ шарт гузошта шавад, ки мард на танҳо фарзандонро, балки занро низ марвиди таъминоти моддӣ қарор диҳад. Ба андешаи мо амалияи ин масъалаи пешниҳоднамудаи муаллиф метавонад то андозае пеши роҳи парокандашавии оилаҳоро гирад, зеро ҳангоме, ки шахс ба оқибати ҷудошавӣ назар мекунад ва мебинад, ки ба ӯ зарари моддии бештар мерасад, қатъан ба он даст намезанад.

**Дувум.** Дар тавсияи амалии дувум муаллиф пешниҳод кардааст, ки зимни бунёди оила, ҳифзи он ва дигар ҷанбаҳои оилавӣ ба масъалаи баланд бардоштани маърифати ахлоқӣ ва оиладории мардум эътибори ҷиддӣ дода, назорат оид ба таълими фанни “Маърифати оиладорӣ” аз ҷониби сохторҳои дахлдор (аз ҷумла, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон) ҷоннок карда шавад. Бояд гуфт, ки пешниҳоди мазкур саривақтӣ ва қобили дастгирист, зеро таълими давравии “Маърифати оиладорӣ” метавонад сатҳи маърифатнокии ҷавононро оид ба солимнигоҳдории муносибатҳои оилавӣ боло бурда, ҷиҳати устувории пояҳои институти оила саҳмгузор бошад.

**Сеюм.** Дар банди сеюми тавсияҳо муаллиф пешниҳод намудааст, ки дар замони ҷаҳонишавӣ муассисаҳои таълимӣ мутахассисонро дар рӯҳияи ҷаҳонбинии васеи илмӣ – диншиносӣ, бохабар аз таъриху

тамаддуни давлату миллати худ ва фарҳанги миллии оиладорӣ тарбия намоянд ба манфиат мебуд. Аз ин рӯ, ӯ диссертатсияро ҷиҳати омоданамоии китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ, монографияҳо ва дастурҳои методӣ дар ин самт пешниҳод намудааст.

**Чорум.** Муаллиф дар тавсияи амалии чорум қайд намудааст, ки дар таълимоти зардуштия ва ислом оид ба ҳалли масоили ахлоқӣ, муоширати иҷтимоию оилавӣ, худшиносӣ ва ҳувияти фарҳангӣ-миллӣ, ки аз ҷумлаи масъалаҳои аввалиндараҷаи илмҳои соҳа ба шумор меравад андешаҳои ҷолибе пешниҳод гардидааст. Бинобар ин, муҳтавои таълимоти мазкур, ки дар кори диссертатсионӣ дарҷ гардидааст, метавонад перомуни таҳқиқи масъалаҳои муҳимтарини фалсафию диншиносӣ ҳамчун базаи илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалӣ мавриди истифодаи васеи муҳаққиқон қарор гирад. Ҳақиқатан, диссертатсияи Олинаев Б.А. кори арзишманди ба итмом расидааст, ки барои олимон, муҳаққиқон ва унвонҷӯёни оянда дар ин самт қобили муроҷиат аст.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Доир ба мавзӯи диссертатсия ва моҳияти он муаллиф 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 8 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Зикр намудан ба маврид аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Эродҳо ба мазмуни диссертатсия.** Диссертатсияи Б.А. Одинаев дар баробари доштани ҷанбаҳои зиёди мусбӣ, инчунин аз камбудӣ ва масъалаҳои баҳсбарангез орӣ намебошад, аз ҷумла:

1. Муаллиф дар навгонии назариявӣ пешниҳод намудааст, ки “Барои устувор намудани оилаҳо ва пешгирии ҷудошавии онҳо мурофиаи ҳакамии хонаводагӣ ташкил карда шавад” (саҳ. 12). Вале дар

матни диссертатсия муаллиф шарҳ надодааст, ки тартиби амалисозии ин муҳокима чи тавр сурат мегирад. Аз ин рӯ, масъалаи мазкур норавшан буда, аз таҳқиқибаранда шарҳу тавзеҳи иловагиро талаб менамояд.

2. Муҳаққиқ дар тавсияи амалии панҷум пешниҳод кардааст, ки “Беҳтар мешуд, ки аз ҷониби мақомоти Сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ курсҳои кӯтоҳмуддати маърифати оиладорӣ ташкил карда шуда, ҳар як марду зани никоҳшаванда аз он гузаранд. Пас аз гузаштани курс ба марду зан аз тарафи мақомоти мазкур маълумотнома дода шуда, танҳо пас аз пешниҳоди чунин маълумотнома никоҳи марду зан ба қайд гирифта шавад” (саҳ. 14). Вале муаллиф дар диссертатсия равшан накардааст, ки механизми иҷроиши пешниҳоди мазкур чи тавр ба роҳ монда мешавад. Зеро масъалаи мазкур мутахассисони касбӣ ва хароҷоти иловагиро талаб менамояд. Пас, мутахассис ва хароҷотро кӣ ва аз куҷо таъмин менамояд? Аз ин рӯ, аз муаллиф хоҳиш карда мешавад, ки оид ба механизми иҷроиши пешниҳоди мазкур андешаи худро равшан намояд.

Андешаҳои баёнгардида ба мазмун ва моҳияти таҳқиқот таъсири манфӣ надошта, сатҳ ва асолати илмии онро поён намебаранд. Бояд гуфт, ки муаллиф дар ҳалли баъзе масъалаҳо дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳову адабиёти соҳавӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун нуқтаи назари муаллифонаи худро пешниҳод намудааст, ки ин хоси гузаронидани чунин таҳқиқоти илмӣ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсияи Одинаев Б.А. ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ

менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Муҳтавои диссертатсия дар автореферат оварда шудааст ва мазмуну муҳтавои онро инъикос менамояд.

**Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба сазовор донистани довталаб ба дараҷи илмии дахлдор.** Хулоса, рисолаи диссертатсионӣ дар мавзӯи «Институти оила дар зардуштия ва ислом: таҳқиқоти таърихӣ – диншиносӣ» ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ буда, муаллифи он Одинаев Баҳодур Абдуҷаборович сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020600 – Диншиносӣ (6D020601 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои фалсафа, дотсент,
Ректори Донишкадаи исломии Тоҷикистон
ба номи Имоми Аъзам – Абуҳанифа
Нуъмон ибни Собит **Зокирзода Н.М.**

**Суроғаи муқарриз:**
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Шодмонӣ, 58/1,
**Тел.:** (+992) 908-90-85-15; **E-mail:** nusrat68@mail.ru

Имзои Зокирзода Н.М.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳои ДИТ
ба номи Имоми Аъзам-Абуҳанифа
Нуъмон ибни Собит **Ҷомадов Х.А.**
«20» 03 2024 с.